«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти забон ва
адабиёти ба номи Абӯабдулло
Рӯдакии АИ ҶТ, академик
__________ Салимӣ Н.Ю.
«26» сентябри 2019

**Тақризи**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи **Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна “Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

Нақшу ҷойгоҳи водии адабпарвари Ҳисор дар таърихи фарҳангу адаби тоҷикӣ шоистаи таҳқиқу пажӯҳиш ва омӯзиш мебошад. Ҳавзаи адабии Ҳисори Шодмон дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар шарқи Аморати Бухоро бо шоирони соҳибдевон ва соҳибуслуб аз шуҳрати хос бархурдор аст. Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ аз ҷумлаи шоирони соҳибнуфуз ва соҳибистеъдоди ин доираи адабӣ ба ҳисоб меравад, ки рӯзгору осори ӯ дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқу пажӯҳиши хос ва пурра қарор нагирифтааст. Аз ҳамин рӯ, даст ба таълифи диссертатсияи номзадӣ задани унвонҷӯ **Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна** дар мавзӯи “**Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX**” шоистаи таҳсин ва дастгирӣ мебошад. Аз шуҳрату эътибори шоир ҳаминро метавон қайд кард, ки зикри ному осори ӯ дар тазкираҳои “Туҳфату-л-аҳбоб”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва “Тазкирату-ш-шуаро”-и Мир Сиддиқи Ҳашмат, ки берун аз муҳити адабии Ҳисор дар маркази Аморати Бухоро таълиф шудаанд, ба назар мерасад. Диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои муҳимму қобили эътимоди асрҳои XVIII-XIX пеш аз ҳама осори бозмондаи шоир,баёзҳо, ҷунгҳо, тазкираҳо ва маҷмӯаҳои ашъори шоирони Ҳисор, маъхазҳои адабию таърихӣ таълиф ва дар мавридҳои зарурӣ ашъори Ҳасрат

бо ашъори шоирони соҳибсабки адабиёти гузаштаи тоҷикӣ Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Хаёлӣ, Ҷомӣ, Калим, Соиб ва Бедил муқоиса шудааст. Навии диссертатсия дар баррасии рӯзгору осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва сабку тарзи таълифи ӯ, инчунин мавқеи анвои ғазалу мухаммас дар эҷодиёти шоир ва авзои адабии қарнҳои XVIII-XIX-и водии Ҳисор, ки бори нахуст дар шакли рисолаи алоҳида ва монографӣ сурат мегирад, падидор мегардад. Бори нахуст дар диссертатсия аз нигоҳи адабиётшиносӣ муҳити адабии водии Ҳисор дар ин асрҳо, вижагиҳои доираи адабии мазкур, мавзӯъ ва муҳтавои адабиёти ин ҳавзаи адабӣ ва намояндагони барҷастаи он, ҳамчунин сохтор, тарзи гуфтор ва мазмуну муҳтаво, санъатҳои бадеии мероси адабии шоир ҳаматарафа таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Аҳамияти назарии таҳқиқоти мавриди гуфтугӯ дар он мебошад, ки натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф метавонад дар ҳалли баъзе аз масъалаҳои таърихи адабиёти ин давра, хоса ҳавзаҳои адабии дур аз марказҳои адабии кишвар ёрӣ ва мусоидат намояд. Бозёфтҳои илмии муаллифи рисола барои нигоштани таърихи адабиёти тоҷикӣ дар давраи мазкур муфиду судманд хоҳад буд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, фаслҳо, хулоса ва китобнома иборат аст. Дар муқаддима дар бораи аҳаммияти масъалаи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ (саҳ.4-6), мақсаду ҳадафҳои таҳқиқ, равиши таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқот, навовариҳои он, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаҳои пажӯҳиш дар амал ва коркарди он мулоҳизаронӣ шудааст.

Боби нахустини диссертатсия **“Муҳити сиёсию адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX”** унвон дошта, фасли аввали он **“Вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва адабии замони зиндагии Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ”** мебошад, ки дар он аз ривоҷи шеъру шоирӣ ва равобити адабии ин ҳавзаи адабии Бухорои Шарқӣ бо доираҳои адабии фаъол дар ин замон мисли Кӯлобу Қаротегин, Хуҷанду Истаравшан, Хуқанду Фарғона, Дарвозу Зарафшону

Бадахшон сухан рафтааст. Инчунин роҷеъ ба рушди иқтисоди минтақа дар давраи мавриди таҳқиқ, ривоҷи касбу пешаҳои мухталиф дар равнақи вазъи иқтисоди водии Ҳисор изҳори назар шудааст. Вобаста ба ин мавзӯъ фасли дуюми ин боб ба **“Шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии ин давра”** бахшида шудааст, ки фарогири огоҳиҳо ва маълумот дар бораи шоирону адибон ва аҳли истеъдод дар ин хиттаи ҳунарпарвар мебошад. Муаллифи рисола аз шоирони зиёде ном мебарад, ки дар фосилаи асрҳои XVI-XIX Водии Ҳисор зиндагӣ ва эҷод кардаанд: Муҳаммадризо ибни Оллоҳқулии Хонақоҳӣ, Мирмуҳаммадшариф ибни охунд Мулло Одинамуҳаммади Қаротоғӣ, Мулло Менглибои Ҳисорӣ, Мулло Мирзо Ҳамдами Балхӣ ибни Мулло Абдулвоҳид, Мулло Хоҷабадал ибни Хоҷа Исҳоқи Ҳисорӣ, Мулло Саййид Абдуннабии Ҳисорӣ, Шайх Муҳаммадраҳими Давлат – мулаққаб ба Ҳазрати Бузургвори Элокӣ - шоир ва орифи шӯрида, Мулло Абдуссалом ибни Мулло Неъматуллоҳи ал-Хоразмӣ ал-Хонақоҳӣ, Мирзо Абдуллоҳи Ҳисорӣ, Хоҷа Абдулатифи Ҳисорӣ, Мулло Раҷаб Парии Ҳисорӣ, Мулло Исои Бадахшонии Мавзун, Саидҷон Тошхоҷаи Ирсӣ, Мирзо Мункӣ, Мулло Муҳаммадшарифи Ғамгин, Имомиддини Банда, Мулло Азимқули Ҳолӣ, домулло Ҳоҷимуроди Розӣ, Қозӣ Комили Ҳисорӣ, Музмар, Ҳазини Ҳисорӣ, Бисмили Ҳисорӣ, Хатиби Ҳисорӣ, Мавлоно Ушшоқ Ёвқотчии Ҳисорӣ, Ҷазбӣ, Мавлавии Ҷунунӣ, Ирсӣ, Мирзо Бобо, Ҷазбӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Музмар, Банда, Розӣ, Дабир, Шариф, Хатиб, Ғамгин, Ҳолӣ, Бисмил ва дигарон, ки дар ривоҷи адабиёти ин ҳавзаи адабӣ саҳму нақши муҳим доранд.

Дар ҳамин росто аз рӯзгору осори шоирони машҳуру таъсиргузори ҳамасри Ҳасрати Ҳисорӣ – Парӣ, Мурассаъи Ҳисорӣ, Фориғи Ҳисорӣ, ва шоирони асрҳои баъдӣ чун Комили Ҳисорӣ, Карим Девона ва Мискини Ҳисорӣ беш аз дигарон таваққуф карда, аз осори бозмондаи онҳо ва муҳтавои ашъорашон огоҳиҳо пешниҳоди аҳли таҳқиқ гардонидааст, ки аз хубиҳои рисола шуморидан мумкин аст.

Дар боби дувуми рисола муаллиф зинагиномаи шоирро дар асоси маъхазҳои мавҷуд ва бештар мазмуну муҳтавои ашъори бозмондаи худи шоир ба қалам додааст, ки нисбатан аз навиштаҳои муҳаққиқони пешин мисли Абибов Амирбек, Абдусалом Деҳотӣ, Шодибек Собирӣ ва дигарон мукаммал ва пурра мебошад. Баҳсҳои муаллифи рисола бо нависандагони таърихи ин давра аз ҷуръату ҷасорати илмии ӯ ишорат намоянд ҳам, вале баъзе далелҳо бидуни маъхаз зикр шудаанд, мисли "Таърихи амирони манғитияи Бухоро"-и Ҷумъақули Хумулӣ, ки дар Китобнома ҳам наёмадааст.

**"Мероси адабии Мирзо Ҳасрат"** (саҳ. 60-77) фасли дигари ин боб аст, ки дар чанду чуни ашъори бозмондаи шоир баҳс менамояд. Мулоҳизаҳои муҳаққиқ дар муқоисаи ашъори ба чоп расидаи шоир бо варианти онҳо дар девони дастхатти ӯ (таҳти рақами 3296 маҳфуз дар Захираи дастхатҳои АИ ҶТ) ва баёзу ҷунгҳо ҷолиб ва дар барқарор намудани матни саҳҳеҳи ин ашъор ёрӣ мерасонанд.

Боби охири диссертатсия **"Таҳлили мавзӯъҳои ашъори Мирзо Ҳасрат"** мунқасим ба чор бахш мебошад, ки таҳлилу баррасии мавзӯъии ашъори шоирро фаро гирифта, мавқеи санъатҳои бадеии лафзию маънавӣ дар он муайян ва вижагиҳои забону баёни шоир муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Аз муҳимтарин дастовардҳои муаллифи рисола дар ин боб бахши **"Шикоят ва эътироз алайҳи беадолатиҳои замон"** мебошад, ки ашъори шоирро аз шоирони дигар мутамоиз менамояд ва онро метавон аз унсурҳои фардияти эҷодии ӯ аз дигар шоирон донист. Дар ин гуна ашъор эътирози шоир ба ҳокимон, шайхон, муллоён, қозиёни порахӯр дар баробари мушкилоту нобаробариҳои иҷтимоии рӯз ба рӯз афзоянда намудор аст, ки намунаҳои зиёд дар рисола таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар қисмати хулоса натиҷаҳои илмии рисола ба таври куллӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола чанд нуқсону камбудӣ ҳам ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии онро афзуда, сатҳи илмии онро боло хоҳанд бурд:

1. Нахуст дар чанд мавриd муқоисаи ғазали Ҳасрат бо Соиб дар саҳ. 129 ва саҳ.131 ғазали Ҳилолӣ бо Ҳасрат мутобиқат намекунад.

Ҳасрат:

Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман **кашиданҳо,**
Сари селоб бар санг омад аз беҷо **давиданҳо.**

Соиб:

Зи хирман сулҳ кун бо донае аз **дурбиниҳо,**
Ки месозад забони барқ кӯтаҳ **хӯшачиниҳо**

Ҳилолӣ:

Гар дил аз дастам ба ғорат бурд, чандон бок нест,
Ғорати дил саҳл бошад, ғорати ҷон **карду рафт**.

Ҳасрат:

Бо адоҳо дил рабуд аз мову тарки мо гирифт,
Дар тариқи дилрабоӣ беадоӣ **карду рафт**.

2. Дигар дар саҳ. 11 то 14 руҷӯъи таърихии муаллиф бидуни зикри маъхаз ва ҷумлаҳои берабт омадааст, ки шоистаи кори илмӣ намебошад.
3. Асарҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Абдулқодири Бедил бо “600 ғазал”, “Мунтахабот” ва маҷмӯаи оммавии “Саду як ғазал” чун сарчашмаи асосӣ омадаанд, дар ҳоле ки нашрҳои интиқодӣ ё мукаммалу илмии ин шоирон мавҷуд аст.
4. Дар Китобнома  таҳти № 50 “Намунаи (?) адабиёти тоҷик”, Сталинобод, 1940, ба хатти арабиасос (?) ба Садриддин Айнӣ нисбат дода шудааст.
5. Баъзе асарҳои таҳқиқӣ (Ҳабибов Амирбек. Аз таърихи равобити адабии Бадахшон бо Ҳиндустон. –Душанбе: Дониш, 1991. -172 саҳ.; Абибов Амирбек. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ. –Душанбе: Дониш, 1984. -240 саҳ.) дар бахши “Сарчашмаҳо” омадаанд.
6. Ҳамчунин дар рисола саҳвулқаламҳое мисли “Водии Ҳисор яке аз манотиқҳои пешрафта буд” (саҳ. 15) вомехуранд.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои зикршуда ҳусни рисоларо коҳиш надода, ислоҳшавандаанд. Рисола дар сатҳи баланди услуби илмӣ таълиф ёфтааст ва тадқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Фишурдаи рисола, мақолаҳои ба чоп расонидаи муаллиф ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои рисоларо ифода мекунанд ва аз лаёқати илмии соҳиби он гувоҳӣ медиҳанд. Рисолаи **Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна "Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX"** мувофиқи талаботи КОА назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. -Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 11 нафар устодон иштирок дошта 11 овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" -11 нафар, "муқобил"- нест, "бетараф"-нест. Протоколи № 7 аз 03 сентябри 2019.

Раиси ҷаласа н.и.ф. Муҳаммадиев Ш.М.
Котиби ҷаласа н.и.ф. Маликова А.

Эксперт номзади илми филология Набиев А.М.

Имзоҳои Муҳаммадиев Ш.М., Маликова А. ва Набиев А.М.- ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ Иброҳимова З.

**Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
E-mail: iza_rudaki21@mail.ru
Тел.: (+992)2272907; (+992)** 2273378; **(+992)** 2277550 ва **(+992)** 2272426